ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи « Асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли хатмкунандагони донишгоҳҳои ҳарбӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст

Мазмуни муҳтавои рисолаи илмии унвончуи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи ««Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии (калидии) хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» татбиқи талаботҳои « Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», инчунин «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватанпарастии шаҳрвандон», Консепсияи корҳои сиёсию тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва амалӣ гардидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз он иборат аст, ки низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар ҷузъу томҳои Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарди назариявӣ-методии масъалаҳои мутобиқсозии афсарони ҷавон маҳз дар марҳилаи воридшавии онҳо ба коллективи ҳарбӣ нокифоя аст. Набудани шароити илмии асосноки педагогӣ, рушди нокифояи назариявӣ ва методологии низоми корҳои тарбиявӣ, ки бояд ин равандро дар шароити Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурии мо таъмин кунад, мубрамияти мавзуъро тасдиқ мекунад.

Тавре муҳаққиқ қайд кардааст, ки дар илми педагогика масъалаи самаранок истифода бурдани иқтидори корҳои тарбиявӣ дар шароити хизмати ҳарбӣ барои бомуваффақият мутобиқсозии афсарони ҷавон-хатмкунандагони донишгоҳҳои ҳарбӣ кам омӯхта шудааст, аз ҷумла, мушаххас кардани шароити ташкилию педагогӣ, муайян намудани шаклҳо ва усули беҳтарини тарбия, инчунин сохтани амсилаи илман асосноки мутобиққунонӣ талаб карда мешавад, ки ҳам хусусиятҳои муҳити артиш ва ҳам хусусиятҳои фарҳангию миллии ҷумҳуриро бояд фаро гирифта бошад.

Ҳадафи таҳқиқотро таҳия ва санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Вазифаҳои таҳқиқотро таҳлили низоми мавҷудаи корҳои тарбиявӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчун воситаи мутобиқсозӣ истифода намудани он, муайян намудани шароити ташкилию педагогии мутобиқсозии самараноки афсарон дар марҳилаи аввали хизмат мусоидат мекунад. Гузаронидани озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявӣ ва пешниҳоди натиҷа ва тавсияҳо мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки хусусияти мутобиқсозии афсарони ҷавон дар заминаи корҳои тарбиявӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва роҳҳои тарбиявии мутобиқсозии афсарон дар таҳсил ва дар шароити хизмати ҳарбӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи мутобиқшавии донишҷӯёну афсарон-хатмкунандагони донишгоҳҳои ҳарбӣ муайян карда шудааст.

Озмоиши педагогӣ оид ба санҷиши самаранокии амсилаи педагогию иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Тавсияҳои амалӣ оид ба ҷорӣ намудани амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Дар боби якуми рисолаи илмӣ таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ-методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон» масъалаҳои назариявӣ ва методологии раванди мутобиқсозии шахсият мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дар зербоби аввал мафҳум ва моҳияти мутобиқшавии шахсро дар педагогика ва илмҳои марбута таҳлил намуда, хусусиятҳои муносибатҳои байнисоҳавиро нисбат ба ин раванд муайян кардааст. Дар зербоби дуюм хусусиятҳои мутобиқсозии касбии афсарони ҷавон дар шароити хоси хизмати ҳарбӣ, аз ҷумла таъсири муҳити ҳарбӣ, талаботи касбӣ, интизом ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба ташаккули шахсияти афсар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар зербоби сеюм бошад, нақши кори тарбиявӣ дар раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон, аз ҷумла ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, интизом, устуворию маънавию равонӣ ва омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ баррасӣ гардидааст.

Дар маҷмӯъ, муҳтавои боби мазкур барои муайян намудани асосҳои назариявӣ-методологии мутобиқсозии афсарони ҷавон заминаи

илмӣ фароҳам оварда, аҳаммияти педагогии масъалаи таҳқиқшавандаро асоснок менамояд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Технологияи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои технологӣ ва ташкилию педагогии раванди мутобиқсозии афсарони ҷавон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар зербоби аввал амсилаи иҷтимоӣ-педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди корҳои тарбиявӣ таҳия ва баррасӣ гардида, омилҳои иҷтимоӣ ва педагогии таъсиррасон ба ташаккули шахсият, рушди касбӣ, мутобиқшавӣ ба муҳити ҳарбӣ ва тарбияи ахлоқии онҳо муайян карда шудаанд. Дар зербоби дуюм шароитҳои ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон таҳлил гардида, аҳаммияти дастгирии равонӣ, ташаккули руҳияи дастаҷамъӣ, масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар ин раванд асоснок карда шудааст. Дар зербоби сеюм бошад, шаклҳо ва усулҳои асосии корҳои тарбиявӣ, ки ба мутобиқшавии бомуваффақияти афсарони ҷавон мусоидат менамоянд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф ба усулҳои тарбияи шахсию ахлоқӣ, аз ҷумла истифодаи намунаи ибратбахши фармондеҳон, боваркунонӣ, ташкили муҳити мусоиди маънавию ахлоқӣ, худшиносӣ ва баргузории семинарҳои психологию педагогӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ин усулҳо барои ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ ва шахсии афсарони ҷавон, аз қабили ростқавлӣ, худдорӣ, ҳамдардӣ, интизом, масъулиятшиносӣ ва устувории маънавию равонӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Дар маҷмӯъ, муҳтавои боби дуюм ҷиҳати амалӣ намудани асосҳои назариявии мутобиқсозии афсарони ҷавон равона гардида, аҳаммияти маҷмӯи шароит, шакл ва усулҳои корҳои тарбиявиро дар таъмини мутобиқшавии касбӣ, иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии онҳо инъикос менамояд.

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Санҷиши озмоишӣ-таҷрибавии самаранокии амсилаи мутобиқсозии афсарони ҷавон дар раванди кори тарбиявӣ» масъалаҳои ташкили озмоиши педагогӣ, муайян намудани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ, инчунин санҷиши самаранокии амсилаи пешниҳодшуда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар зербоби аввал муаллиф меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои баҳодиҳии сатҳи мутобиқсозии афсарони ҷавонро муайян намуда, истифодаи саволномаҳо, санҷишҳои психологӣ, мушоҳида, аттестатсия,

мухокимаҳои гурӯҳӣ ва бозиҳои нақширо ҳамчун воситаҳои ташхиси ҳолати мутобиқшавии онҳо асоснок намудааст.

Дар зербоби дуюм марҳилаи муайянкунандаи озмоиши педагогӣ инъикос ёфта, вазъи мавҷудаи раванди таълим ва корҳои тарбиявӣ, сатҳи дониш, малака ва сифатҳои шахсии афсарони ҷавон, инчунин мушкилоти мавҷудаи мутобиқшавии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти таҷрибавӣ 48 нафар афсари ҷавон ба ду гурӯҳ — озмоишӣ ва назоратӣ, ҳар кадом бо фарогирии 24 нафар, ҷудо карда шудаанд. Ин тарзи ташкили таҳқиқот барои муқоисаи натиҷаҳои бадастомада ва муайян намудани тағйироти сатҳи мутобиқсозии афсарони ҷавон замина фароҳам овардааст.

Дар зербоби сеюм марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиши педагогӣ ва татбиқи чорабиниҳои мақсадноки тарбиявӣ дар самти мутобиқсозии афсарони ҷавон баррасӣ гардида, дар зербоби чорум бошад, марҳилаи назоратӣ ва арзёбии натиҷаҳои ниҳоии озмоиши педагогӣ инъикос ёфтааст. Муҳиммияти ин марҳилаҳо дар он зоҳир мегардад, ки имконияти муқоисаи нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва ниҳоӣ, муайян намудани самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ ва санҷиши амсилаи пешниҳодшудаи мутобиқсозиро фароҳам меоранд.

Дар маҷмӯъ, мазмуни боби сеюм хусусияти таҷрибавӣ-таҳлилӣ дошта, ба санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва роҳҳои ташкилию педагогии мутобиқсозии афсарони ҷавон равона гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми илмии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии касбии афсаронро васеъ мегардонад; назарияи мутобиқсозӣ ва таҳсилоти педагогиро бо муқаррарот барои рушди фаъолияти касбии афсарон амиқтар месозад; донишҳои илмӣ ва педагогиро дар бораи механизмҳои ворид намудани мутобиқсозӣ дар раванди муосири хизмати ҳарбӣ ғанӣ мегардонад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ амсилаи педагогӣ-иҷтимоии мутобиқсозии афсарони ҷавон дар низоми корҳои тарбиявии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо риояи маҷмуи шароити педагогии таҳия гардида, ба такмили мазмун ва шаклҳои фаъолияти тарбиявӣ мусоидат менамояд ва ба раванди таълимии пойгоҳи таҷрибавӣ ворид карда шуда, амалан санҷида шудааст;

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ

(педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - Проблемаҳои назариявии педагогикаи иҷтимоӣ, назарияҳо ва консепсияҳо, ҳамкории мутақобилаи муассисаҳои таҳсилотӣ бо муассисаҳои дигари соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ; банди 2 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ; банди 5 - Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия дида мешавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 6 номгӯйи онҳо мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 номгӯйи мақолаҳо дар маҷаллаҳои гуногун, инчунин дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 1 дастури методӣ ба табъ расонида шудааст.

Ҳакимова Барнобо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар шуъбаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромад намуда, аз натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмиро дар матбуоти ҷумҳурӣ ва берун аз он чоп намуданд.

Дар давраи кор унвонҷӯ Ҳакимова Барно Рустамовна худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд. Муносибати инсонӣ ва одоби педагогӣ ба ӯ хос буда, доимо пайи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш аст.

Хулоса, таҳқиқоти Ҳакимова Барно Рустамовна дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии (калидии) хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон», кори мустақилона ба итмомрасидаро ифода намуда, дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид

ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз ихтисоси 5.3.9 – Назария, методика ваташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (Педагогикаи иҷтимоӣ) пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Иматова Лутфия Маҳмадулло

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадр ва корғузорӣ
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии АТТ Х.Ҳакимова

15.09.2026